# ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ). - шаҳри Душанбе, 2026 с. 195 с.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ**

Дар раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити сиёсӣ, адабию маданӣ васеъ гардида, зарурати ташаккули ҷаҳони фарохи илмӣ, дониши ба талаботи даврони муосир ҷавобгӯ ва ахлоқи ҳамидаю иродаи мустаҳкамро тақозо дорад. Тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ, дар тарбияи ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавонон нақши хоса доштанд. Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ нақш ва аҳамияти ниҳоят муҳим дорад.

Бо назардошти Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва мундариҷаи таълим бояд ба тарбияи тарғиби ватанпарварию ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми аҷдодӣ, ахлоқи ҳамида, донишандӯзӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди таълимию тарбиявӣ бо мақсади корбандӣ намудани он равона карда шавад.

Яке аз ҷузъҳои тарбияи ватандӯстӣ дарк кардан, фаҳмидан, ҳис кардан, таваҷҷуҳ кардан мебошад. Ҷузъи эҳтиёҷмандии ватандӯстӣ ва худшиносии шахсият ҳамчун маҷмуи ниёзҳои ватандӯстӣ, ангезаҳои

устувор, омодагӣ ба фаъолияти ватандӯстӣ зоҳир мешавад. Ҷузъи амалӣ ва татбиқии ватандӯстӣ ҳамчун маҷмуи амалҳои мухталиф ба манфиати Ватан, ҷомеа, одамон ифода мегардад. Самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ: маънавӣ-ахлоқӣ;, иҷтимоӣ-гуманистӣ, таърихӣ-халқӣ ва шаҳрвандӣ-сиёсӣ мебошанд.

Истифодаи педагогикаи миллӣ дар муассисаҳои муосири таълимӣ барои тарбияи ватандӯстӣ махсусан муҳим аст. Онҳо таърих, ҳаёт ва зиндагии мардумро рангоранг ва ифода мекунанд, вижагиҳои забон, анъана, фарҳанги он ва ғайраро инъикос менамояд.

Асоси ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ дар байни насли наврас муҳити миллии таълимӣ мебошад, ки тамоми соҳаҳои муассисаи таълимиро фаро мегирад. Муҳассилине, ки ба сарвати фарҳангии ниёкони худ пайвастаанд, мардуми худро хубтар медонанд ва ҳеҷ гоҳ намегузоранд, ки онҳоро дар назди дигар миллатҳо ҷойгир кунанд, онҳо мекӯшанд, ки сазовори мақоми қаҳрамонони миллӣ шаванд. Агар муҳассил дар ҳама соҳаҳои муассисаи омӯзгори оммавӣ бошад, беҳтарин вижагиҳои миллӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин нуқтаи назар мавзуи интихобнамудаи муҳаққиқ Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» мубраму саривақтӣ маҳсуб ёфта, тадбирҳои дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак” ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027-ро дар тарбияи ҳисси ватандӯстии насли наврас роҳандозӣ менамояд.

Тавре таҳқиқгар Мирзозода Акрам қайд намудааст, пажӯҳиши масъалаи тарбияи ҳисси ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ҳамон вақт аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, ки агар аз имконоти тарбиявӣ ва маърифатӣ баҳри самаранокии таълиму тарбяи хонандагон истифода шавад.

Дар ин асос мақсади таҳқиқотро муайян намудааст, ки он тасдиқи озмоишии мутобиқати шароитҳои педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асосёфта, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ зарурро дар бар мегирад.

Ҷиҳати ноил шудан ба мақсад, санҷишу тасдиқи фарзияи гузошташуда барои роҳандозӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, муҳаққиқ таҳқиқоти зеринро ба анҷом расонидааст:

- натиҷаҳои таҳқиқот оид ба моҳият ва хусусиятҳои раванди воқеисозии ҷараёни ҳамкории педагогӣ дар самти ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасон берун аз таълим ҷамъбаст карда шудааст.

- хусусиятҳои муҳити таълимии муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, амиқ кардани шаклҳои истифодаи неруи онҳо дар раванди тарбияи ватандӯстии наврасон муайян гардиданд.

- амсилаи педагогии муаллифии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас берун аз таълим дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ пешниҳод шудааст.

- номгӯйи шароитҳои асосии педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва ба таври озмоишӣ санҷидани онҳо дар рафти озмоиши педагогӣ пешниҳод гардиданд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар навгонии илмии пажӯҳиш - муқаррароти илмӣ асоснок шуда, ҳолат, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ тавассути истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар мавриди омӯзишу таҳлил қарор ёфта, ошкор карда шуданд;

- дар рафти таҳқиқот кӯшиш карда шудааст, ки моҳияти падидаи воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон ҳамчун ҳамкории педагогии мураббӣ (педагог) ва шогирди ӯ ошкор гардад.

- дар тарбияи ватандӯстии насли наврас неруи тарбиявӣ, таълимӣ ва рушддиҳандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ошкор гардида, дар муҳити муассисаҳои фарҳангӣ мазмуни нав касб менамояд ва ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барои ҷалби хонандагон ба амалҳои ватандӯстӣ шаклу усулҳои инноватсиониро истифода барад, ин фаъолиятҳоро тавре ба роҳ монад, ки насли наврасу ҷавон бо иҷрои нақшҳои асосӣ (бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии синусоли наврасӣ) дар раванди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва рӯйдодҳо барои худтатбиқкунӣ ва худшиносӣ имконият пайдо кунанд.

- амсилаи муаллифии педагогии тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ коркард шудааст, он аз ҷузъҳое иборат мебошад, ки ба мақсад ва вазифаҳои озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунанд ва инчунин имкон медиҳанд

натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ ба таври эътимодбахш дар асоси меъёрҳои муайяни илмӣ арзёбӣ карда шаванд.

- ҳаҷми зиёди шароитҳои педагогии дар адабиёти махсус тавсифшуда муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ ва санҷиш қарор дода шуданд ва он шароитҳое барои татбиқ интихоб гардиданд, ки ба самранокии бештари воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат мекунад.

**Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда воқеисозӣ ҷузъи таркибӣ ва шарти асосии раванди ташаккули шахсияти наврасон буда, бо таъсири шахсияти омӯзгор, ки дар бораи маҷмуи ғояҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти марбут ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиши миллӣ ба шогирд ақидаҳои худро расонида, тавассути дарк ва азхудкунии иттилооти дар сатҳи маърифатӣ ва эҳсосӣ гирифтаи наврасон ба вуҷуд меояд; воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар муҳити инкишофи муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ дар шакли ҳамкории субъекту субъектии омӯзгоре амалӣ мегардад, ки ба фаъолияти наврасон ва хонандагоне, ки дар марҳилаи ташаккулёбии «симои Ман» қарор доранд, ба рафти ташаккули муносибати арзишманд ба ҷузъҳои ватандӯстӣ, ки ҳамчун аксуламали инфиродӣ ба таъсири педагогӣ ба вуҷуд меояд, роҳнамоӣ мекунад; неруи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳамчун фазои таҳсилоти ривоҷёбанда аз ҷиҳати мусоидат ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути огоҳӣ ва муайян намудани уфуқҳои берунӣ ва ботинии он ошкор мегардад; амсилаи педагогии пешниҳодшудаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ аз якчанд унсурҳои консептуалӣ - бахшҳои сохтории муҳтавоӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо ба ҳалли як доираи мушаххаси масъалаҳо нигаронида шудааст, муҳим арзёбӣ гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ аввалин таҳқиқоти алоҳида маҳсуб меёбад.

Муаллиф тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии проблемаи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар хонандагонро равшан ва аниқ кардааст.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**

Эътимоднокии хулосаҳои таҳиягардида бо сарчашмаҳои назариявии омӯхташуда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва барномаҳои давлатӣ, дарк ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти омӯзгорони озмоишгузаронида, инчунин риояи қатъии тавсияҳои илмию методӣ оид ба ташкили корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳам дар ҷараёни эҷод ва ҳам дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар вақти корҳои беруназсинфӣ дар муҳити муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ тасдиқи худро пайдо намудааст.

Дар асоси омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ва натоиҷи корҳои озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки ташаккули тарбияи ватандӯстӣ бидуни азхуд кардани таърих ва фарҳанги миллӣ аз имкон берун аст, бинобар ин унсурҳои он бояд ба мундариҷаи фаъолияти таълимӣ ва корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ворид карда шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 195 саҳифа аз муқаддима, 3 боб ва хулоса, феҳрасти адабиёт иборат буда, 13 расму диаграмма ва 9 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Феҳристи адабиёт фарогири 178 номгӯй мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» мебошад, ки дар он масъалаҳои ватанпарварӣ ва тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун проблемаи педагогӣ; тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ баррасӣ шуда, натиҷаи таҳлили корҳои таҳқиқотие, ки дар

онҳо рушди муносибати ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ, арзиши шахсӣ нишон дода шудааст, пешниҳод гардидааст.

Ба андешаи муаллиф дар заминаи тарбияи ватандӯстӣ ба падидаи ватандӯстии мавриди таҳқиқ, чунин мафҳум, ба мисли ҳувияти шаҳрвандӣ, ки ҷузъи таркибии ҳувияти иҷтимоӣ ва мутаносибан субъекти таваҷҷуҳи давлат буда, барои нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ тавассути эътирофи ихтиёрии шаҳрвандони мансуб ба ягон ташкилоти давлатӣ зарур мебошад, робитаи ногусастанӣ дорад.

Бо омӯзиши миқдори зиёди сарчашмаҳо муҳаққиқ исбот менамояд, ки ҳар як давлат дар ҳама давру замон дар бораи сатҳи ватандӯстии шаҳрвандони худ ғамхорӣ мекард, аз ин рӯ вазифаҳои тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша барои низоми маориф муҳим мебошанд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ» буда, масъалаҳои шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ва тавсифи марҳилаҳои озмоиш ва ташхиси сатҳи ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар раванди таҳия ва татбиқи амсилаи пешниҳодшуда аз рӯйи усул ва шаклҳои самараноки кор бо наврасон аз таҳқиқоти олимон истифода бурда шуда, ҳамчунон, усулҳои инноватсионие, ки ба ташаккули муносибатҳои эҳсосӣ ва арзишӣ ба идеалу истилоҳоти марбути мафҳуми ватандӯстӣ, ба вуҷуд омадани ҳавасмандӣ барои иштироки фаъол дар фаъолияти ба самти ватандӯстӣ нигаронидашуда мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шуданд.

Хулосаҳои асосии муаллиф оид ба мақсад ва вазифаҳои раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас пешниҳод гардида, интихоби усул ва принсипҳои ташкили раванди ташаккули тарбияи ватандӯстӣ асоснок карда шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ» мебошад, ки дар он раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар марҳалаи озмоиши педагогӣ, дар ҷараёни татбиқи амсилаи педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстӣ шароитҳои педагогие амалӣ карда шуданд, ки ба туфайли онҳо самаранокии ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар муҳити рушди муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ таъмин карда шудааст. Он аз шарикии иҷтимоию педагогӣ, татбиқи неруи тарбиявии осорхонаи мактабӣ, ҷалби наврасон ба ташкили чорабиниҳо ва лоиҳаҳо барои шиносоӣ бо анъанаҳо ва муҳайёсозии шароитҳо барои амалигардонии фаъолияти худбаҳодиҳию таҳлилии ҳамаи субъектҳои ҳамкории педагогӣ дар раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ иборат мебошанд.

Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ мусоидат кунад.

**Хулосаҳои диссертант** дар он таъкид менамояд, ки тарбияи насли наврас дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур оид ба тарбияи ватандӯстии насли наврас диққати бештарро талаб мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имконоти тарбиявӣ аввалин таҳқиқоти алоҳида маҳсуб меёбад.

Дар таърихи педагогикаи тоҷик бори аввал ақидаҳои оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ бо истифода аз имконоти тарбиявиро таҳлил намуда, ба паҳлуҳои асосии онҳо ҷиддан диққат дода, мақолаю дастурҳои назариявию методӣ ба табъ расонида, барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас таҳқиқот анҷом додааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯ дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, 8 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки дар самти тарбияи насли наврас ва самаранок намудани раванди тарбияи ватандӯстӣ муҳим буда, имконияти васеи пешбурди корҳои методӣ ва таълимиро дар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ доро мебошанд.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагон, дар шаклгирии муносибати бошуурона онҳо ба дастовардҳои педагогикаи миллӣ зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ:**

1. Гарчанде муҳаққиқ "Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027"-ро мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, хуб мебуд, ки дар рисола мазмуни барнома васеътар таҳлил гардида, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии насли наврас, заминаҳои назариявӣ ва амалӣ дар асоси талаботи барнома ва навовариҳои ба дастовардаи муҳаққиқ дар ин самт пешниҳод мегардиданд.
2. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмӣ оид ба ин масъалаи таҳқиқот мушоҳида мегардад.
3. Дар рисола ва фишурдаи он хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Бешубҳа, норасоиҳои қайдшуда муҳиммияти мазмуну мундариҷаи рисолаи илмии Мирзозода Акрам Рустамро коста намегардонад, зеро таҳқиқот ба итмомрасида ва мустақил мебошад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
саромӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саодати Раҳмоналӣ

20.05.2026

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Зарринкуҳ 21; Тел.: +992 172075725;
E-mail: info@kgu.ti.

Имзои Саодати Раҳмоналиро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Давлатов М.А.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 21; Тел: Тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09. E-mail: info@kgu.ti.

20.05.2026

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ •
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС